*УДК 336.71*
*DOI 10.24412/3005-8023-2026-2-175-186*

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ ТАШАККУЛ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Юсупов Давронҷон Сиддиқбоевич,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и МД "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ИСЛАМСКОГО БАНКИНГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Юсупов Давронджон Сиддикбоевич,*** *канд. экон. наук, доцент кафедры финансов и кредита ГУ "Международный институт Худжанда" ГУ "Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана" (Худжанд, Таджикистан)*

# THEORETICAL AND PRACTICAL ASPECTS OF THE FORMATION AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF ISLAMIC BANKING IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Yusupov Davronjon Siddiqboevich,*** *PhD in Economics, associate professor in the department of finance and credit of the SI "Khujand International Institute"under the SI "International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan" (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *davron-yusupov@mail.ru*

*Бонкдории исломӣ ҳамчун соҳаи босуръат рушдёбандаи бозори бонкии ҷаҳонӣ баррасӣ шудааст. Шарҳи принсипҳо ва амалияи бонкдории исломӣ, аз ҷумла пайдоиш ва марҳилаҳои рушди он, хусусиятҳои фарққунандаи бонкдории исломӣ, тақсими фоида ва зиён, маблағгузорӣ дар асоси дороиҳо ва инкори амалиётҳои ба фоиз (рибо) асосёфта пешниҳод гардидааст. Ҳамчунин мушкилоти мавҷудаи соҳа, аз ҷумла гуногунӣ ва пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои молиявии исломӣ, зарурати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва дарки молияи исломӣ миёни сармоягузорон ва истеъмолкунандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Иқтидори бонкдории исломӣ ҷиҳати мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ ва беҳбудии иҷтимоӣ, махсусан дар кишварҳои дорои аҳолии мусулмон, баррасӣ гардида, зарурати анҷоми тадқиқоти минбаъда ва татбиқи навовариҳо дар ин самт дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *бонкдории исломӣ; рибо; молияи исломӣ; воситаҳои молиявӣ; фарогирии молиявӣ*

*Исламский банкинг рассматривается как одна из быстро развивающихся сфер мирового банковского рынка. Представлен обзор принципов и практики исламского банкинга, включая его происхождение и этапы развития, отличительные особенности, распределение прибыли и убытков, финансирование на основе активов и отказ от операций, основанных на проценте (риба). Также рассмотрены существующие в отрасли проблемы, включая предложение разнообразных исламских финансовых продуктов и услуг, а также необходимость повышения осведомлённости и понимания исламских финансов инвесторами и потребителями. Анализируется потенциал исламского банкинга в содействии устойчивому экономическому развитию и социальному благополучию, особенно в странах с мусульманским населением, а также обосновывается необходимость проведения дальнейших исследований и внедрения инноваций в данную сферу в Республике Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *исламский банкинг; риба; исламские финансы; финансовые инструменты; финансовая доступность*

*Islamic banking is considered as one of the rapidly developing areas of the global banking market. The article provides an overview of the principles and practices of Islamic banking, including its origins and stages of development, distinctive features, profit and loss sharing, asset-based financing and the rejection of interest-based transactions (riba). The challenges facing the industry, including the offering of diverse Islamic financial products and services, and the need to increase awareness and understanding of Islamic finance among investors and consumers, are also discussed. The potential of Islamic banking to promote sustainable economic development and social well-being, particularly in Muslim-majority countries, is analyzed, and the need for further research and innovation in this area in the Republic of Tajikistan is substantiated.*

***Key-words:*** *Islamic banking; riba; Islamic finance; financial instruments; financial availability*

**Феҳристи ихтисораҳо:**

- ТҚ - ташкилоти қарзӣ;
- БИ - бонкдории исломӣ;
- БИР - Бонки исломии рушд;
- AAOIFI - Accounting and Auditing Organization for Islamic Financial Institutions (Стандартҳои баҳисобгирӣ ва аудити муассисаҳои молиявии исломӣ);
- IFSB - Islamic Financial Services Board (Шурои хадамоти молиявии исломӣ);
- ISRA Consulting Sdn - Islamic finance, economics and Sharia consulting company (Ширкати машваратӣ, ки дар соҳаи молияи исломӣ, иқтисодиёт ва шариат).
- LSEG - London Stock Exchange Group (Гуруҳи биржаи фондии Лондон).

**Муқаддимаи таҳқиқот.** Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии бозорҳои молиявӣ ба рушд ва омӯзиши моделҳои алтернативии фаъолияти бонкӣ диққати бештар дода мешавад. Яке аз чунин амсилаҳо бонкдории исломӣ мебошад, ки дар асоси шариат амал мекунад, истифодаи амалиёти фоизиро истисно менамояд ва дар меҳвари фаъолияти он риояи меъёрҳои шариати исломӣ, аз ҷумла манъи рибо (фоиз) яке аз усулҳои бунёдии бонкдории исломӣ ба шумор меравад, ки дар доираи он ба ҷойи ҳисоб кардани фоиз, механизми тақсими фоида ва хатар байни тарафҳо истифода бурда мешавад, қарор мегирад. Ин равиш ба таъмини адолати иқтисодӣ ва иштироки баробар дар натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, манъи майсир (амалиёти дорои хусусияти ҳаннотӣ) талаб менамояд, ки ҳамаи муомилот ба дороиҳои воқеӣ такя дошта бошанд ва аз амалиёти дорои хавфи беасос ё тахминӣ худдорӣ карда шавад. Ин принсип устувории низоми молиявиро тақвият мебахшад.

Иқтисоди исломӣ соҳаи фаъолияти динӣ набуда, танҳо як низоми иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, на танҳо барои мусулмонон, балки барои намояндагони тамоми дину мазҳабҳои гуногун метавонад судманд ва қобили қабул бошад. Аз ин рӯ, ҳар фарди ҷомеа метавонад мизоҷи бонки исломӣ бошад ва татбиқ намудани он ҳеҷ гуна исломикунонии ҷамъиятро пайгирӣ намекунад.

**Мавод ва усулҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот ба таҳлили сифатии манбаъҳои дуюмдараҷа - маҷаллаҳои илмӣ, ҳисоботи институтсионалӣ ва таҳқиқоти библиометрӣ (солҳои 2010–2025) асос ёфтааст. Таҳлили муҳтавоии мақолаи илмӣ барои гурӯҳбандии принсипҳо, таърих, мушкилот ва рушд истифода мешавад.

**Асосҳои назариявӣ, қоидаҳо ва принсипҳои бонкдории исломӣ.** Дар меҳвари бонкдорӣ ва молияи исломӣ принсипҳои шариат қарор доранд, ки аз Қуръон, суннат ва иҷмоъ сарчашма мегиранд. Рибо (фоиз) ҳамчун амали истисморгарона арзёбӣ шуда, амсилаи

тақсими одилонаи хавф тавассути шаклҳои маблағгузорӣ, аз қабили музораба (маблағгузории эътимодӣ) ва мушорака (шарикӣ) татбиқ мегардад. Муомилот бояд дорои пуштибонии воқеии дороӣ бошанд, то аз амалҳои ҳаннотӣ пешгирӣ шавад. Сармоягузорӣ танҳо ба соҳаҳои ҳалол иҷозат дода шуда, соҳаҳои марбут ба машрубот, қимор ва умуман аз диди ислом молҳои ҳаром истисно мегарданд. Тибқи меъёрҳои ахлоқи исломӣ, сарвате, ки бо меҳнати ҳалол ба даст омадааст, инчунин мерос ё ҳадя, қонунӣ ва қобили қабул дониста мешавад. Фарқи асосии бонки исломӣ аз бонки анъанавӣ дар он аст, ки он даромадро аз ҳисоби фоизи қарз ба даст намеорад. Ба ҷойи ин, бонкҳои исломӣ даромадро тавассути иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва амалиёти тиҷоратӣ ба даст меоранд [4, с. 28-29].

Фаъолияти муассисаҳои молиявии исломӣ бо такя ба ҳамин принсипҳо ва меъёрҳои шариат ташаккул меёбад. Бархе мутахассисон аз ҷумла олимони рус низ моҳияти бонкдории исломиро аз ҳамин нуқтаи назар шарҳ додаанд. Ба андешаи яке аз олими рус Р.В.Пашков: «Бонки исломӣ муассисаест, ки захираҳои молиявиро ҷалб мекунад ва онҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ва молиявӣ дар асоси принсипҳои исломӣ сармоягузорӣ мекунад. Сафарбаркунӣ ва сармоягузории маблағҳо бояд тибқи принсипҳои шариати исломӣ амалӣ карда шавад» [5, с.95]. Олими дигари рус, Л.П. Гуляева моҳияти бонки исломиро чунин шарҳ медиҳад: "Бонкҳои исломӣ муассисаҳои бонкие мебошанд, ки тибқи қонунҳои шариат амал мекунанд (новобаста аз ҷойгиршавӣ ё мизоҷон)" [3, с.63]. Вобаста ба фаъолияти бонкҳои исломӣ олими тоҷик Ш.Қ. Хайрзода чунин иброз медорад: «Бонкҳои исломӣ ба монанди дигар бонкҳо захираҳои молиявии шахсони алоҳида ва муассисаҳоро ҷалб намуда, ба ширкатҳои тиҷоратӣ, ки барои дастгирии фаъолияти онҳо ба маблағгузории беруна ниёз доранд, равона мекунанд»[7, с. 207]. Олими тоҷик З. Раҳмонов моҳияти бонки исломиро чунин шарҳ медиҳад: "Бонки исломӣ - ниҳоди махсуси бозорӣ мебошад, ки доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ-қарзӣ ва инчунин тавсеаи ҳаракати сармояи миллӣ ва байналмилалиро дар асоси принсипҳои ҳуқуқи исломӣ - "шариат" дар шароити пешгӯинашавандаи рушди иқтисодӣ пешниҳод менамояд" [6, с. 173].

Аз таърифҳои мазкури мафҳуми "бонки исломӣ" хулоса баровардан мумкин аст, ки ин фаҳмишҳо якдигарро пурра мекунанд. Ба андешаи мо, мафҳуми "бонки исломӣ" бояд васеътар баррасӣ шавад, ки онро ба тасвири зерин пешниҳод менамоем: "Бонки исломӣ - муассисаи молиявие мебошад, ки фаъолияти худро мутобиқи меъёрҳо ва принсипҳои шариати исломӣ ба роҳ монда, амалиёти молиявиро бидуни истифодаи фоиз (рибо) анҷом медиҳад ва дар асоси адолат, тақсимоти хавф ва фоида миёни тарафҳо амал карда, маблағҳоро ба фаъолиятҳои иҷозатдодашуда равона месозад".

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили таърифҳои пешниҳодшуда метавон хулоса намуд, ки бонкҳои исломӣ, дар баробари бонкҳои анъанавӣ, дорои маҷмуи вазифаҳои мушаххаси функсионалӣ мебошанд.

Дар тули чанд даҳсолаи охир, бозори хизматрасониҳои бонкдории исломӣ сарфи назар аз ноустувории афзоянда дар бозорҳои молиявӣ ва пурзӯр гардидани сиёсати монетарӣ дар аксари кишварҳо рушди устувор нишон дода, дар ҷаҳони имрӯза маъруфият пайдо карда истодааст. Бонкдории исломӣ ҳамчун алтернатива ба бонкдории анъанавӣ доираи васеи хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод мекунад.

Аз ҷадвали 1 мо метавонем принсипҳои бонкдории исломиро муайян кунем. Аввалан, фоиздиҳӣ дар молияи исломӣ манъ аст, аммо ҳадафи бонк низ фоида ба даст овардан аст. Аз ин рӯ, ба ҷои ҳисоб кардани фоизҳо, бонкҳои исломӣ барои хидматҳои худ ҳаққи хизмат (комиссия) мегиранд. Дуюм, бонк ҳамчун шарик амал мекунад ва фоида ва хавфҳоро бо муштарӣ тақсим мекунад. Ғайр аз он, маблағгузории фаъолиятҳои манъшуда ва фоида аз рӯйдодҳои тасодуфӣ иҷозат дода намешавад [1, с. 65].

***Ҷадвали 1 - Муқоисаи афзорҳои бонкдории исломӣ ва анъанавӣ***

| Афзорҳои бонкдории исломӣ | Афзорҳои бонкҳои ананавӣ | Хусусиятҳои афзорҳои бонкдории исломӣ |
|---|---|---|
| Муробаҳа | Ипотека, автоқарз | Бонки исломӣ молро бо мақсади бозфурӯшӣ мехарад, на ин ки қарзро бо гарав медиҳад. Ба ҷои даромади фоизӣ, бонк ҳаққи хизмат (комиссия) мегирад. |
| Музораба | Амонату пасандоз | Бо сабаби манъ будани фоиз, даромади пассивиро метавон ба тавр зерин ба даст овард: маблаѓҳои озоди муштариро ба як лоиҳаи тиҷоратӣ сармоягузорӣ мекунад, ки самти онро худи иштирокдори охирини муомила интихоб менамояд. Фоидаи бадастомада аз лоиҳа мувофиқи таносубе, ки пешакӣ дар шартнома муайян шудааст, тақсим карда мешавад |
| Мушорака | Маблағгузории муштарак | Бонк лоиҳаро маблағгузорӣ мекунад ва фоизи амалиётро намегирад, аммо дар шакли ҳиссаи фоида аз лоиҳа мукофот мегирад |
| Қарзи ҳасана | Қарз (кредит) | Ба ҷои фоиз, бонки ислом барои пешниҳоди маблағ ҳаққи хизмат (комиссия) мегирад |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф.*

Дар баробари ин, фаъолияти онҳо бо як қатор хусусиятҳои фарққунанда, ки дар мақсадҳо, принсипҳои фаъолият ва усулҳои идоракунӣ зоҳир мегарданд, тавсиф карда мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ равишҳои гуногуни ошкор кардани шабоҳат ва фарқи байни бонкҳои исломӣ ва анъанавӣ пешниҳод шудаанд. Фарқҳоро ҷамъбаст ва низомбандӣ намуда, дар шакли ҷадвал пешниҳод мекунем, то хусусиятҳои асосии бонки исломӣ дар муқоиса бо бонки анъанавӣ возеҳ гардад.

***Ҷадвали 2. - Хусусиятҳои хоси фаъолияти бонкдории исломӣ ва ананавӣ***

| Бонкдории исломӣ | Бонки анъанавӣ |
|---|---|
| Самтгирӣ ба фаъолияти сармоягузорӣ | Самтгирӣ ба қарздиҳӣ ва қарзгирӣ |
| Диққати асосӣ ба устувории молиявӣ ва самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ равона мешавад | Диққати асосӣ ба қобилияти қарзадокунии қарзгиранда равона мешавад |
| Сафарбаркунии захираҳо дар асоси ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии шарикона амалӣ мегардад | Сафарбаркунии захираҳо асосан аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ анҷом дода мешавад |
| Ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ меъёрҳои шариат ба назар гирифта мешаванд | Ҳангоми қабули қарорҳои сармоягузорӣ асосан меъёрҳои молиявӣ ба назар гирифта мешаванд |
| Консепсияи тақсимоти хавф байни иштирокдорон | Консепсияи интиқоли хавф истифода мешавад |
| Одатан, сармоягузорон (амонатгузорон) хавф ва фоидаро бо бонк тақсим мекунанд. Натиҷаи молиявии амонатгузорон кафолат дода намешавад ва аз муваффақияти | Амонатгузорон одатан хавфҳоро ба бонк месупоранд ва фоизи муайяну кафолатнок мегиранд; меъёри фоиз мустақиман аз даромаднокии сармоягузориҳои бонк |

| | |
|---|---|
| молиявии бонк вобаста аст | вобаста нест |
| Амонатгузорон дар фоида ва зарари бонк иштирок мекунанд | Амонатгузорон дар фоида ва зарари бонк иштирок намекунанд |
| Пардохтҳо одатан аз рӯи амонатҳои талаботӣ кафолат дода мешаванд | Пардохтҳо аз рӯи амонатҳои талаботӣ низ кафолат дода мешаванд |
| Одатан ҳуқуқи табъиз нисбат ба мизоҷон вобаста ба ҳаҷм ё мавҷудияти гарав вуҷуд надорад | Имконияти фарқгузорӣ нисбат ба мизоҷон вобаста ба мавҷудият ва арзиши гарав вуҷуд дорад |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Чӣ тавре қайд мегардад, ҳадафи асосии бонкдории исломӣ иштироки муштараки соҳибони сармоя дар фоида ва зиён мебошад. Дар асоси ин равиш, бонкҳои исломӣ воситаҳои гуногуни молиявиро истифода мебаранд.

Афзорҳои молиявӣ, аз ҷумла муробаҳа (маблағгузории бо изофапулӣ), мудораба (маблағгузории ба боварӣ асосёфта), мушорака - (рафиқона ё муштарак), иҷора (лизинг) ва сукук (вомбаргҳои исломӣ) имкони анҷоми амалиёти мутобиқ ба шариатро фароҳам месозанд. Ин принсипҳо на танҳо адолати молиявиро таъмин мекунанд, балки ба ҳадафҳои некӯаҳволии иҷтимоӣ ва устувории экологӣ ҳамоҳанг мебошанд.

Натиҷаҳои омӯзиш нишон медиҳанд, ки дар низоми бонкдории исломӣ пул танҳо ба сифати воситаи мубодила ва нигаҳдории арзиш арзёбӣ гардида, худ аз худ, бар хилофи бо низоми қарздиҳии фоизӣ, манбаи тавлиди даромад ба ҳисоб намеравад.

Бинобар ин, муассисаи молиявӣ барои ба даст овардани фоида бояд хизматрасонӣ ё фаъолияти воқеии иқтисодиро анҷом диҳад. Бонк фаъолияти тиҷоратиро бо сармоя, дар ҳоле ки идоракунӣ ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бар дӯши ташаббускор қарор мегирад, таъмин мекунад. Фоида тибқи таносуби пешакӣ мувофиқашуда байни тарафҳо тақсим карда мешавад. Дар сурати ба вуҷуд омадани зиён, бонк сармояи худро аз даст медиҳад, яъне хавф байни тарафҳо тақсим мегардад. Ин шакли ҳамкорӣ бо номи “музораба” маъруф аст, ки яке аз афзорҳои асосии молияи исломӣ ба ҳисоб меравад. Он ба шарикӣ байни сармоягузор ва музориб асос ёфта, масъулият ва хавфро байни онҳо тақсим мекунад.

Шариат амалисозии лоиҳаҳои дорои дараҷаи баланди номуайяниро иҷозат намедиҳад. Аз ин рӯ, ҳар ду тараф вазифадоранд тамоми хавфҳои эҳтимолӣ ва маълумоти муҳимми марбут ба шартномаро ошкор намоянд.

Муассисаҳои молиявии исломӣ инчунин тавассути механизми муробаҳа фоида ба даст меоранд. Дар доираи муробаҳа, бонк дороиро (масалан, автомобилро) аз номи муштарӣ харидорӣ намуда, сипас онро бо нархи баландтар (бо иловапулии муайян) ба муштарӣ мефурӯшад. Одатан пардохт ба таври қисм-қисм анҷом дода мешавад. Ин раванд аз қарзи фоизӣ фарқ дорад, зеро бонк на пул, балки молро мефурӯшад ва фоидаи он аз савдо ба даст меояд, на аз фоиз.

Тибқи принсипҳои молияи исломӣ, бонк уҳдадор аст арзиши аслии хариди дороӣ ва ҳаҷми иловапулии худро ба таври шаффоф нишон диҳад. Ин талабот ба шаффофият ва адолат дар муомилоти молиявӣ мусоидат намуда, эътимоди тарафҳоро таъмин мекунад.

**Ҷанбаи таърихии рушди бонкдории исломӣ.** Молияи исломӣ ҳамчун низоми молиявие, ки бар пояи меъёрҳои шариат амал мекунад, дар асри XX ба марҳилаҳои нави рушд мегузарад. Таҳлили хронологии натиҷаҳои бадастомада гувоҳӣ медиҳад, ки ташаккули ин низом аз иқдомҳои ибтидоии дорои миқёси маҳдуд ва хусусияти миллӣ, ки дар солҳои 1950-ум дар Покистон ба миён омада, то таъсиси сохторҳои мукаммал ва стандартгузорҳои байналмилалӣ рушд кардааст. Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, таъсиси ТҚ бе фоиз дар солҳои 1950-ум дар Покистон ҳамчун нахустин иқдоми институтсионалӣ дар ташаккули низоми молияи исломӣ баррасӣ мешавад [10]. (ниг. ба расми 1.).

***Расми 1. – Ташаккул ва рушди низоми бонкдории исломӣ: таҳлили хронологии марҳилаҳо***




Аз мадракҳо бармеояд, ки солҳои 1960-ум Фонди захиравии ҳаҷ дар Малайзия таъсис ёфта аст, ки он намунаи аввалин барои ҷобаҷогузории молиявӣ бо риояи талаботи шариат ба ҳисоб меравад. Аввалин бонки исломӣ дар Миср соли 1963 таъсис ёфт буд, ки ташаккули заминаи институтсионалии низоми молиявии исломиро инъикос менамояд.

Боиси зикр аст, ки дар солҳои 1970-ум ва 1980-ум, рушди ин низом дар кишварҳои арабӣ ва Аврупо идома ёфт. Дар Арабистони Саудӣ Бонки исломии рушд (БИР) соли 1975 таъсис ёфт ва Хонаи молиявии исломӣ дар Люксембург соли 1978 ташкил карда шуд. Ин таҳаввулот аз вусъати унсурҳои молияи исломӣ дар сатҳи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад.

Дар аввали солҳои 1990-ум ва 2000-ум, бо таъсиси созмонҳои танзимгар, мисли AAOIFI (1991) ва IFSB (2002) дар Малайзия, низоми молиявии исломӣ ба марҳилаи нави танзим ва мутобиқсозӣ бо меъёрҳои ҷаҳонӣ ворид шуд. Бояд зикр намуд, ки таъсиси Шурои хизматрасониҳои молиявии исломӣ (IFSB) соли 2002 барои таҳкими низоми молиявии исломӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад [13].

Ҳамин тариқ, рушди молияи исломӣ марҳила ба марҳила аз таҷрибаҳои маҳдуд ва миллии солҳои 1950 то таъсиси созмонҳои байналмилалӣ ва танзимгар дар асри XX пеш рафтааст. Малайзия ва Баҳрайн ҳамчун марказҳои муҳимми рушди ин низом боиси мутобиқсозии он бо талаботи бозори ҷаҳонӣ гардидаанд. Ба андешаи мо, ин таҳаввулот барои густариши низоми молиявии исломӣ дар арсаи байналмилалӣ ва ҷалби сармояҳои глобалӣ заминаи устувор мегузорад.

Дар ҷаҳон зиёда аз **350 бонки соф исломӣ** ва зиёда аз **300 бонк бо “равзанаҳои исломӣ”** фаъолият мекунанд, ки ба принсипҳои исломӣ мувофиқат мекунанд. Аз соли 2017 то 2024 сармояи бонкҳои исломӣ аз 200 миллиард доллар то ба тақрибан 4,9 триллион доллар афзоиш ёфтанд ва тибқи пешгӯиҳои LSEG дар соли 2026 ба 5,5 триллион доллар ва то соли 2027 ба 6,7 триллион доллар мерасад. Ин афзоиш бештар аз ҳисоби болоравии иқтисоди кишварҳои мусулмонӣ (алалхусус он кишварҳое, ки аз болоравии нархи нафт баҳра бурдаанд) вобаста аст [13].

Омилҳои асосии рушди молияи исломӣ дар солҳои охир чунин арзёбӣ мегарданд: афзоиши ММД ва диверсификатсияи иқтисодӣ дар кишварҳои дорои аҳолии мусулмон,

махсусан дар шароити ислоҳоти сохтории иқтисодӣ: рушди бозори сукук, ки ҳамчун воситаи ҷалби сармоя барои маблағгузории инфрасохтор ва лоиҳаҳои давлатӣ истифода мегардад; тақвияти устувории молиявӣ, зеро модели молияи исломӣ ба принсипи тақсими хавф ва пуштибонии дороиҳои воқеӣ асос ёфтааст; рақамикунонӣ ва воридшавии технологияҳои молиявии исломӣ, ки дастрасии аҳолиро ба хизматрасониҳои молиявӣ васеъ намудааст.

Дар ҳақиқат, институтҳои молиявии исломӣ дар ҷаҳон дар натиҷаи афзоиши талабот ва дар натиҷаи ҷамъи захираҳои зиёди молиявӣ аз ҷониби баъзе мамлакатҳои мусулмонӣ хеле васеъ паҳн гардидаанд.

**Рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Дар Тоҷикистон, ки бахши анъанавии бонкӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ мутобиқ карда шудааст, ҷорӣ намудани принсипҳои бонкдории исломӣ барои рушди молиявӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Барои таҳкими низоми молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва таъмини адолат дар равандҳои молиявӣ, ин амсила метавонад ҳамчун воситаи стратегии рушди иқтисодиёти кишвар хизмат кунад. Илова бар ин, омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистон барои ҷорӣ намудани бонки исломӣ имконияту маҳдудиятҳои муайян доранд, ки таҳқиқи хосро тақозо менамояд. Омӯзиши марҳилаҳои ташаккулёбии бонкдории исломӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон замина барои таҳқиқ дар ин самт маҳсуб меёбад (ниг. ба расми 2.)

***Расми 2. – Марҳилаҳои ташаккулёбии бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон***




Расми мазкур марҳилаҳои асосии ташаккули бонкдории исломиро дар солҳои 2010–2019 нишон медиҳад. Дар ин давра раванди ташаккул ва такомули бонкдории исломӣ ба таври марҳилавӣ сурат гирифта, аз ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъсиси гурӯҳҳои корӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ оғоз гардида, минбаъд бо иштироки фаъол дар сохторҳои назоратӣ ва институтҳои бонкдории исломӣ идома ёфтааст. Рушди низоми молияи исломӣ

тадриҷан густариш ёфта, минбаъд ба таҳкими заминаҳои институтсионалӣ ва амалии бонкдории исломӣ дар мамлакат мусоидат намуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ" амал мекунад, ки он аз 10 бобу 64 модда иборат мебошад. Аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон дастурамалҳои махсус қабул ва тасдиқ гардидаанд, ки роҳнамои муҳимми фаъолияти бонкдории исломиро дар бар мегирад. Тибқи муқарарроти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ" дигар бонкҳои тиҷоратӣ низ метавонанд дар сохтори хеш равзанаи бонки исломиро кушоянд.

Дар маҷмуъ, бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон аз соли 2010 давра ба давра рушд намуда, бо қонунгузорӣ ва дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон заминаи институтсионалӣ фароҳам оварда шуд. То соли 2025 ин низом бо бонки исломӣ ва равзанаҳои бонкдории исломӣ густариш ёфта, нишондиҳандаҳои молиявӣ ва фоида дар он ба тaври устувор афзоиш ёфта, ба таҳкими низоми бонкдории исломӣ ва рушди молияи муосир мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи маълумоти БМТ, дар ҷамъбасти соли 2025 дар низоми бонкии мамлакат 1 бонки исломӣ ва 3 равзанаи бонкдории исломӣ амал менамояд. Шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ, ки тибқи шартҳои бонкдории исломӣ фаъолият мекунанд, дар охири соли 2025 ба 63 адад (5 филиал ва 58 маркази хизматрасонии бонкӣ) баробар гардид. Дар ҷамъбасти соли 2025 дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзии исломӣ 575,62 млн. сомонӣ, бақияи умумии сандуқи маблағгузорӣ 323,3 млн. сомонӣ, уҳдадориҳо 370,36 млн. сомонӣ, пасандозҳо 158,51 млн. сомонӣ ва сармояи тавозунӣ 205,26 млн. сомониро ташкил дод ва ҳамаи ин нишондиҳандаҳо дар соли 2026 тамоюли афзоянда доранд. Дар соли 2025, ташкилотҳои молиявии қарзии исломӣ 15,6 млн. сомонӣ фоида ба даст овард, ки нисбат ба натиҷаи молиявии охири соли 2024 21,6 фоиз зиёд аст (ниг. ба ҷадвали 3).

***Ҷадвали 3. – Сохтори тавозуни ҷамъбастии бонкҳои исломӣ дар солҳои 2021-2025***
*(бо млн. сомонӣ)*

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2025** |
| **Дороӣ** | 207,07 | 261,94 | 294,13 | 397,17 | 575,62 |
| **Бо фоиз аз ММД** | 0,21 | 0 ,23 | 0,25 | 0,26 | 0,33 |
| **Дороии пардохтпазир** | 103,31 | 89,62 | 47,90 | 77,99 | 133,29 |
| **Бо фоиз аз ММД** | 0,10 | 0 ,08 | 11,22 | 0,05 | 0,08 |
| **Қарз, ҳамагӣ** | 36,94 | 101,45 | 169,42 | 227,13 | 323,28 |
| **Бо фоиз аз ММД** | 0,04 | 0,09 | 0,14 | 0,15 | - |
| **Қарз бо асъори хориҷӣ** | 0,25 | 1 3,92 | 33,29 | 35,34 | 73,01 |
| **Қарзи ба таъхирафтода** | 0,89 | 0 ,71 | 0,52 | 7,00 | 5,07 |
| **ФПТИ аз рӯи қарзҳо** | 0,12 | 0,17 | 0,32 | 0,36 | 3,31 |
| **Сармоягузорӣ, ҳамагӣ** | 0,04 | 0,03 | 0,03 | 0,03 | - |
| **ФПТИ аз рӯи сармоягузорӣ** | - | - | - | - | - |
| **Воситаҳои асосӣ** | 47,39 | 45,49 | 43,44 | 71,91 | 97,80 |
| **Дигар дороиҳо** | 19,52 | 25,52 | 33,66 | 20,46 | 24,56 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ухдадорӣ+сармоя** | 207,07 | 261,94 | 294,13 | 397,17 | 575,62 |
| **Ухдадорӣ** | 79,02 | 117,43 | 163,72 | 235,76 | 370,36 |
| **Пасандоз (амонат)** | 61,29 | 79,09 | 94,21 | 97,17 | 158,51 |
| **Бо фоиз аз ММД** | 0,06 | 0 ,07 | 0,08 | 0,06 | 0,09 |
| **Амонати дархостшаванда** | 39,06 | 4 9,23 | 31,96 | 53,40 | 110,45 |
| **аз он ҷумла бо асъори хориҷӣ** | 18,37 | 3 0,82 | 8,13 | 17,68 | 70,70 |
| **Дигар амонатҳо** | 22,22 | 2 9,86 | 62,25 | 43,77 | 48,07 |
| **Қарзҳои мутамарказ** | - | - | 19,55 | 27,39 | 27,39 |
| **Қарзҳои байнибонкӣ** | - | - | - | - | - |
| **аз ҷумла бо асъори хориҷӣ** | - | - | - | - | - |
| **Барои пардохт ҳамагӣ** | 10,48 | 7,76 | 12,52 | 25,60 | 36,99 |
| **Дигар уҳдадориҳо** | 7,25 | 30,57 | 37,44 | 85,60 | 147,46 |
| **Сармоя** | 128,05 | 144,51 | 130,42 | 161,41 | 205,26 |
| **Бо фоиз аз ММД** | 0,13 | 0 ,12 | 0,11 | 0,11 | 0,12 |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти [2]*

Мувофиқи маълумотҳои омории дар ҷадвали 3 низомбандишуда таҳлили нишондиҳандаҳои рушди бонкдории исломӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хоса дорад. Дар солҳои 2021-2025 нишондиҳандаҳои фаъолияти низоми бонкдории исломӣ рушди устуворро нишон медиҳад. Дороии умумӣ аз 207,07 миллион то 575,62 миллион сомонӣ афзуда, ҳиссаи онҳо дар ММД аз 0,21 фоиз то 0,33 фоиз зиёд шудааст, ки ин аз тақвияти нақши бахш дар иқтисоди миллӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, дороии пардохтпазир динамикаи ноустуворро нишон медиҳад (коҳиш дар солҳои 2022-2023 ва афзоиш дар солҳои 2024-2025), ки зарурати идоракунии самараноки пардохтпазириро нишон медиҳад.

Ҳаҷми қарз аз 36,94 млн то 323,28 млн сомонӣ афзуда, фаъолшавии фаъолияти қарзиро инъикос менамояд. Афзоиши қарз бо асъори хориҷӣ ва тағйирёбии қарзи ба таъхир афтода дар солҳои алоҳида мавҷудияти хавфҳои асъорӣ ва қарзиро нишон медиҳад. Нишондиҳандаҳои фоида аз қарз (FPTI) инчунин афзоишро нишон медиҳанд, ки далели афзоиши даромаднокии амалиёт аст. Сармоягузорӣ дар сатҳи паст боқӣ монда, диверсификатсияи дороиҳоро маҳдуд мекунад, дар ҳоле ки воситаҳои асосӣ қариб ду баробар зиёд шудаанд, ки ин тавсеаи инфрасохтори бонкҳоро инъикос мекунад. Дигар дороиҳо ба таври муътадил тағйир меёбанд.

Ҳаҷми умумии уҳдадориҳо низ аз 79,02 миллион то 370,36 миллион сомонӣ, аз ҷумла амонатҳои муҳлатнок ва асъорӣ афзудааст, ки заминаи молиявиро тақвият медиҳанд, аммо ҳамзамон вобастагиро аз омилҳои беруна зиёд мекунанд. Уҳдадориҳои дигар низ афзоиши назаррасро нишон медиҳанд, ки аз ҷалби манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ шаҳодат медиҳанд. Сармояи бонкҳо дар маҷмуъ то 205,26 миллион сомонӣ афзуда, ҳиссаи он дар ММД нисбатан устувор боқӣ мемонад. Умуман, бонкдории исломӣ афзоиши босуръати дороиҳо, қарздиҳӣ ва заминаи амонатиро нишон медиҳад. Дар баробари ин, вазифаҳои такмили идоракунии пардохтпазирӣ, коҳиш додани хавфҳои асъорӣ ва қарзӣ, инчунин рушди фаъолияти сармоягузорӣ боқӣ мемонанд.

Бояд зикр намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди бонкдории исломӣ ва

технологияҳои молиявии исломӣ имконият ва иқтидори назаррас мавҷуд мебошад. Ин гуфтаҳо бо иқтидори мавҷуда дар низоми бонкӣ ва талаботи афзояндаи маҳсулоти бонкдории исломӣ асоснок карда мешавад.

Истифодаи таҷрибаи бонкдории исломӣ, ки ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт равона гардидааст, метавонад ҳам барои бонкҳои миллӣ ва ҳам барои дигар сохторҳои соҳибкории ғайрибонкӣ муфид бошад. Пеш аз ҳама, чунин равиш имконият фароҳам меорад, ки сармоягузориҳо аз кишварҳои Ховари Миёна ҷалб гардида, ҳамзамон иқтидори сармоягузории аҳолии кишвар ба таври пурратар истифода карда шавад.

Илова бар ин, татбиқи чунин раванд метавонад ба маҳдуд намудани сатҳи таваррум ва коҳиш додани ҳиссаи қарзҳои мушкилситон дар низоми молиявӣ мусоидат намояд.

**Самтҳои рақамикунонии бонкдории исломӣ**. Дигаргунсозии рақамӣ ва технологияи молиявӣ барои бахши молиявии исломӣ имкониятҳои зиёд фароҳам меорад, ки масъалаҳои ҷузъии рушди рақамикунонии бахши молиявӣ ва махсусан низоми бонкии кишвар дар доираи дигар таҳқиқотҳои мо баррасӣ шудааст [8, с. 344; 9, с. 655]. Онҳо ба муассисаҳои молиявии исломӣ имкон медиҳанд, ки ҳамзамон тиҷораташонро ҷудо ва фарққунанда вабо нархҳои рақобатпазир пешниҳод намуда, бозорро васеъ ва талаботи нави иқтисодиро ба вуҷуд оранд.

Рақамигардонии бонкдории исломӣ ва рушди технологияҳои молиявии исломӣ имкониятҳоро барои муштариён васеъ намуда, шумораи истифодабарандагонро бо кам кардани миёнравон афзоиш медиҳанд. Сода кардани ҷараён, ки ба пардохт ва ҷамъоварии закот (пардохти ҳатмии ҳарсолаи молиявӣ дар Ислом, ки ҳар мусулмон онро бояд аз доройӣ ва даромадҳояш диҳад) ва вақф (созмони ҳуқуқӣ ва динӣ, ки шахс миқдори муайяни маблағро ба мақсадҳои динӣ ё хайрия мегузорад) марбутанд, тавассути рақамигардонии маҳсулоти молиявии исломӣ имконпазир аст [11]. Ин, дар навбати худ, ба густариши имкониятҳои таҳия ва рушди маҳсулотҳое мусоидат мекунад, ки ба фаровонии иқтисодии ҷомеа равона шудаанд.

Монеаҳои асосӣ дар роҳи суръат бахшидан ба раванди дигаргуншавии рақамии бонкдории исломӣ аз чанд омил иборатанд. Сатҳи нокифояи фаҳмиш ва огоҳии аҳолӣ оид ба моҳият ва маҳсулоти молиявии бонкдории исломӣ, инчунин норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаҳои молияи исломӣ ва технологияҳои муосир аз он ҷумлаанд.

Илова ба ин, афзоиши ҷиноятҳои киберӣ боиси зиёд гардидани нобоварии аҳолии мусулмон ба хизматрасониҳои молиявӣ дар маҷмуъ ва махсусан ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ мегардад. Ҳамзамон, барои фароҳам овардани дастрасӣ ба маҳсулоти нави молиявии рақамӣ зарур аст, ки фарогирӣ ва сифати баланди шабакаи интернет дар тамоми минтақаҳо таъмин карда шавад.

**Хулоса ва тавсияҳои амалӣ.** Вобаста ба гуфтаҳои болоӣ якчанд тавсияҳоро ҷиҳати рушди минбаъдаи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамоем:

1. Такмили заминаи меъёрӣ - ҳуқуқии бонкдории исломӣ. Зарур аст, ки қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии марбут ба фаъолияти бонкдории исломӣ пайваста такмил дода шаванд. Ин раванд бояд ба мутобиқсозии низоми танзим ба стандартҳои байналмилалии молияи исломӣ, аз ҷумла талаботи ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи молияи исломӣ равона гардад, то ки фаъолияти бонкҳои исломӣ самараноктар ва шаффофтар ба роҳ монда шавад.

2. Густариши инфрасохтори бонкдории исломӣ ва зиёд намудани шумораи равзанаҳои исломӣ. Бо дарназардошти афзоиши талабот ба хизматрасониҳои молиявии мутобиқ ба меъёрҳои шариат, мақсаднок мебошад, ки шумораи бонкҳои исломӣ ва равзанаҳои бонкдории исломӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ зиёд карда шавад. Ин тадбир метавонад дастрасии аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкориро ба маҳсулоти молиявии исломӣ беҳтар намояд.

3. Рушди захираҳои кадрӣ дар соҳаи бонкдории исломӣ. Яке аз шартҳои муҳимми рушди устувори бонкдории исломӣ омода намудани мутахассисони баландихтисос дар ин самт

мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ барномаҳои таълимӣ оид ба бонкдории исломӣ ва технологияҳои молиявии исломӣ ҷорӣ гардида, ҳамзамон курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос барои кормандони низоми бонкӣ ташкил карда шаванд.

4. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва рушди маҳсулоти нави молиявии исломӣ. Барои ҷалби бештари аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкдории исломӣ зарур аст, ки барномаҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ роҳандозӣ карда шаванд. Ҳамзамон, таҳия ва ҷорӣ намудани маҳсулоти нави бонкдории исломӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои рақамӣ ва технологияҳои молиявии исломӣ, метавонад ба густариши фарогирии молиявӣ ва ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат намояд.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Антропов, В.В. Исламские финансы в глобальной экономике: современные тенденции и перспективы. Причины появления исламских финансов / В.В. Антропов // Экономический журнал. — 2017. — № 4(48). — С. 57–77. — URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=35292523 (дата обращения: 20.03.2026)*
2. *Бонки миллии Тоҷикистон. – URL: https://nbt.tj (санаи муроҷиат: 07.04.2026).*
3. *Гуляева, Л. П. Исламские банки как пример функционирования социально ответственного банковского бизнеса/ Л. П. Гуляева // Труд. Профсоюзы. Общество. – Минск: Международный университет «МИТСО», 2012. – № 3. – С. 60–65.*
4. *Исламский банкинг: учебное пособие / А. А. Аюпов, Э. И. Булатова, А. И. Сахбиева. – Казань: Издательство Казанского университета, 2025. – 84 с.*
5. *Пашков, Р. В. Исламский банкинг: монография / Р. В. Пашков, Ю. Н. Юденков. – Москва: РУСАЙНС, 2017. – 120 с.*
6. *Раҳмонов, З. Становление и развитие исламских банков в экономике Таджикистана: дис. ... канд. экон. наук / З. Раҳмонов. – Душанбе, 2021. – 215 с.*
7. *Хайрзода, Ш. Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ: дис. ... д-ра экон. наук / Ш. Қ. Хайрзода. – Душанбе, 2021. – 254 с.*
8. *Юсупов, Д. С. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба рақамикунонии фаъолияти ташкилотҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д. С. Юсупов, Х. Ҳ. Исматов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2025. – № 4-2 (60). – С. 338–346.*
9. *Юсупов, Д. С. Цифровая трансформация банковского сектора в Республике Таджикистан: тенденции, возможности и вызовы / Д. С. Юсупов, Х. Х. Исматов // Устойчивое развитие социально-экономической системы Российской Федерации: сб. трудов XXVI Междунар. науч.-практ. конф. (Симферополь, 13 ноября 2025 г.). – Симферополь: ООО «Издательство Типография «Ариал», 2025. – С. 651–656.*
10. *Ramsay, T. A. Moral foundations and practice of Islamic banking [Electronic resource] / T. A. Ramsay // ABC Religion and Ethics. – 2020. – No. 24. – URL: https://www.abc.net.au/religion/the-moral-foundations-and-practice-of-islamic-banking/12550950 (accessed: 07.04.2026).*
11. *Zakat [Electronic resource]. – URL: https://medinaschool.org/library/obshestvo/zak-yat/zakyat (accessed: 07.04.2026).*
12. *Equal — инновационная платформа для токенизации исламских финансовых активов [Электронный ресурс]. – URL: https://equalfinance.ru (дата обрашения: 07.04.2026).*
13. *URL: https://www.lseg.com/en?elqCampaign (accessed: 07.04.2026).*


## *REFERENCES:*


1. *Antropov, V.V. Islamic Finance in the Global Economy: Modern Trends and Prospects. Causes of the Emergence of Islamic Finance / V.V. Antropov // Economic Journal. — 2017. —*

*No. 4(48). — PP. 57–77. — URL: https://www.elibrary.ru/item.asp?id=35292523 (date of appeal: 20.03.2026).*

2. *National Bank of Tajikistan. — URL: https://nbt.tj (date of appeal: 07.04.2026).*
3. *Gulyaeva, L.P. Islamic Banks as an Example of the Functioning of a Socially Responsible Banking Business // Labor. Trade Unions. Society. — Minsk: International University “MITSO”, 2012. — No. 3. — PP. 60–65.*
4. *Ayupov, A.A., Bulatova, E.I., Sakhbieva, A.I. Islamic Banking: Textbook. — Kazan: Kazan University Press, 2025. — 84 pp.*
5. *Pashkov, R.V., Yudenkov, Yu.N. Islamic Banking: Monograph. — Moscow: RUSAINS, 2017. — 120 pp.*
6. *Rahmonov, Z. Formation and Development of Islamic Banks in the Economy of Tajikistan: PhD Dissertation in Economics. — Dushanbe, 2021. — 215 pp.*
7. *Khayrzoda, Sh.Q. Development of the Banking System of the Republic of Tajikistan under Financial Instability: Doctoral Dissertation in Economics. — Dushanbe, 2021. — 254 pp.*
8. *Yusupov, D.S., Ismatov, Kh.Kh. Some Considerations on the Digitalization of Banking System Organizations in the Republic of Tajikistan // Bulletin of the Tajik State University of Commerce. — 2025. — No. 4-2 (60). — PP. 338–346.*
9. *Yusupov, D.S., Ismatov, Kh.Kh. Digital Transformation of the Banking Sector in the Republic of Tajikistan: Trends, Opportunities and Challenges // Sustainable Development of the Socio-Economic System of the Russian Federation: Proceedings of the XXVI International Scientific and Practical Conference (Simferopol, November 13, 2025). — Simferopol: Arial Publishing House, 2025. — PP. 651–656.*
10. *Ramsay, T.A. Moral Foundations and Practice of Islamic Banking [Electronic resource] // ABC Religion and Ethics. — 2020. — No. 24. — URL: https://www.abc.net.au/religion/the-moral-foundations-and-practice-of-islamic-banking/12550950 (date of appeal: 07.04.2026).*
11. *Zakat [Electronic resource]. — URL: https://medinaschool.org/library/obshestvo/zak-yat/zakyat (date of appeal: 07.04.2026).*
12. *Equal — an Innovative Platform for Tokenization of Islamic Financial Assets [Electronic resource]. — URL: https://equalfinance.ru (date of appeal: 07.04.2026).*
13. *URL: https://www.lseg.com/en?elqCampaign (date of appeal: 07.04.2026).*